## ЗОИРОВ ПОДАБОН ТОШМАТОВИЧ (1942-2022)

## НЕКРОЛОГ



4 марти соли 2022 донишманди маъруфи тоҷик, доктори илмҳои тиб, Узви вобастаи Академияи илмҳои ҶТ, Аълочии тандурустии ҶШС Тоҷикистон, устоди мумтоз ва олими пухтакор, профессори кафедраи дерматовенерологияи МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино" Подабон Тошматович Зоиров аз олам даргузаштанд.

*Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

Подабон Зоиров 9 майи соли 1942 дар шаҳри Кӯлоб ба дунё омада, пас аз хатми ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино (1965) бештари умри азизи худро фидои тандурустии аҳли ҷомеа сохтаанд. Боиси ифтихор аст, ки марҳум Подабон Зоиров ҳамчун устоди моҳир солҳои зиёд таълиму тарбия ва омодасозии мутахассисони ҷавони соҳаи тибро дар Донишгоҳи тиббӣ як самти мухими фаъолияти касбии хеш қарор дода, ҳамчун омӯзгори мушфиқу меҳрубон ва сахтгиру сеталаб сазовори хурмату эҳтироми баланд гаштаанд ва бесабаб нест, ки то имрӯз ҳамчун устоди ҳақиқии якчанд насли табибони соҳибмаълумоти ҷумҳурӣ шинохта мешаванд.

Фаъолияти меҳнатиашонро П.Т.Зоиров дар самти муолиҷаи бемориҳои пӯст оғоз намудаанд. Баъдтар оид ба масъалаҳои мубрами соҳаҳои дерматовенерология, эпидемиология, патогенез ва муолиҷаи дерматозҳои музмин ва бемориҳои венерикӣ таҳқиқотҳои арзишманди илмӣ бурда, ҳамчун олими варзида на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки берун аз он маъруфияти зиёд пайдо намуданд.

Подабон Тошматович соли 1970 рисолаи номзадиашро ва соли 1982 рисолаи докториашро ҳимоя кардааст.

П.Т. Зоиров солҳои 1970-1978 ассистенти кафедраи дерматовенерология, солҳои 1979-1980 ходими хурди илмӣ, солҳои 1974-1980 ассистенти кафедра, аз соли 1983 мудири кафедраи бемориҳои пӯст ва венерикӣ, ноиби ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино оид ба корҳои илмӣ (1996-2005) ва аз соли 2005-ум то кунун профессори кафедраи дерматовенерологияи МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино" буданд.

Хизматҳои бисёрсолаи устоди гиромӣ Подабон Зоиров бо мукофотҳои олии Ватан-ордени «Шараф» дараҷаи II, Аълочии тандурустии ҶШС Тоҷикистон (1984), инчунин Ҷоизаи байналмилалии ЭКО дар соҳаи илм ва технология (2000) қадрдонӣ гаштаанд.

Соли 1997 Подабон Тошматович узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардиданд.

Таҳти роҳбарии устод 30 нафар рисолаи номзадӣ ва 7 нафар рисолаи доктoриро ҳимоя намуданд.

Оид ба масъалаҳои умдаи бемориҳои пӯст ва зухравӣ беш аз 300 асару мақолаҳои илмӣ ба табъ расидааст.

Раёсати ДДТТ ба номи Абӯали ибни Сино бинобар даргузашти олими нуктасанҷ, табиби беҳамто, педагоги моҳир профессор Подабон Тошматович Зоиров ба наздикону пайвандон, ҳамкасбон ва шогирдони марҳум изҳори тасаллият менамояд.

Ёди неки тин марди шариф дар қалби кулли ихлосмандонаш то абад боқӣ хоҳад монд.

*Баъд аз вафот турбати мо аз замин маҷӯ,*
*Дар синаҳои мардуми ориф мазори мо*

Руҳат шод ва манзили охиратат обод бод, устоди бузург!

**Устодон, шогирдон ва кормандони маҷаллаи Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон ҳамдардии худро ба хешону наздикони Подабон Тошматович бинобар сабаби аз дунё гузаштанашон баён менамоянд.**